# Ф. Тейлор – асосгузори менеҷменти илмӣ.

- Дар арафаи асрҳои XIX-XX дар хусусияти истеҳсолот дигаргуниҳои намоёне ба вуҷуд омаданд. Корхонаҳои азиме пайдо мегарданд, ки дар онҳо ҳазорон ва баъзан даҳҳо ҳазор коргарону муҳандисон шуғл меварзиданд, таҷҳизотҳои қимматтарин ва ҷараёнҳои мураккаби технологӣ истифода мегардиданд, ки дар комёбиҳои навини илмӣ – техникӣ асос ёфта буданд. Барои таъминоти онҳо аллакай одамони маълумотноку саводнок зарур буданд, ки софдилона ва ҳавасмандона ба меҳнату натиҷаи он муносибат доштанд.
- Дар чорчубаи озмоишҳо омилҳое ошкор мегардиданд, ки ба сатҳи ҳосилнокии меҳнат таъсир мерасониданд, системаҳои ҳавасмандкунии музди меҳнат санҷида мешуданд ва реҷаи оптималии кори таҷҳизотҳо ошкор мешуданд.

- Пешоҳанги чунин озмоишҳо мухандиси америкоӣ **Фредерик Уинслоу Тейлор** (1856-1915) буд. Мартабаи худро Ӯ аз коргари оддӣ сар карда, сипас ғоибона маълумоти олӣ гирифта, дар муддати 8 сол то мансаби муҳандиси калони корхонаи пулодрезӣ дар шаҳри Бетлехем мерасад. Маҳз дар ин ҷо Ӯ солҳои 1898-1901 озмоишҳои аввалини худро мегузаронад.



Сипас Тейлор нишон дод, ки ҳар менеҷер бояд интихоб, омӯзиш ва ҷобаҷогузории коргаронро ба он вазифаҳое кунад, ки дар он ҷо бештар фоидаоваранд, ба онҳо супоришҳо диханд, захираҳои моддиро тақсим намоянд, сарфаи пурсамари онҳоро таъмин намоянд, ҳосилнокии баланди иҷрокунандагонро ҳавасманд кунанд ва саривақт амалу натиҷаи фаъолиятро назорат баранд. Тейлор меҳисобид, ки менеҷер бояд ба зердастон тартиби аниқи кор, асбобҳо ва механизми иҷроиши он ва вақти хотима ёфтани онро муайян созад.





- Тейлор ба хулосае омад, ки сабаби асосии ҳосилнокии ками меҳнати коргарон дар номукаммалии системаи пардохт ва ҳавасмандкунӣ асос меёбад.
- Ташаккули назариёти классикии менеҷментро пеш аз ҳама бо пайдоиши мактаби идоракунии илмии **Фредерик Уинслоу Тейлор** солҳои 1856-1915) ва мактаби маъмурии **Анри Файол** (солхои 1825-1925) пайваста медонанд.

# Мактаби идоракунии илмии менеҷмент

- Мактаби идоракунии илмии менеҷмент ва пайдоиши онро муаррихон ба солҳои 1885-1920-ум мансуб медонанд. Аввалин асогузори низоми менеҷменти илмӣ олим ва муҳандиси машҳури амрикои Ф.У.Тейлор ба шумор меравад. Ӯ бори аввал дар назди худ ва ҳамфикронаш вазифаи такмил додани усулҳои мавҷудаи идоракуниро ба миён гузошт ва онро бо усули илмӣ дар амалияи хочагидорӣ муваффақона амалӣ намуд. Ф.Тейлор ва шогирдону пайравонаш аз ҳар гуна имконияту усулҳои ташкили илмии меҳнат мушоҳидаҳои хронометрӣ, бақайдгирию ченкунии сарфи ҳақиқии вақти корӣ ва амалиёти истеҳсолӣ, таҳлили ҳамачониба ва хулосабарории мантиқиро бо мақсади минбаъд баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокии меҳнат, такмил додани амалиёти меҳнати дастӣ ва афзун намудани фоидаи корхона моҳирона истифода мебурданд.

- То андозаи калон маҳдудият ва камбудиҳои тейлоризм аз тарафи намояндагони равияи классикӣ дар менеҷмент бартараф карда шуданд. Дар сарчашмаи он Анри Файол (1841-1925) меистод, ки «падари менеҷменти илмӣ» ҳисобида мешавад. Объекти омӯзиши Файол ташкилот – умуман ва ҷараёнҳои идоракунии он гардид, ки пештар аз Ӯ касе мавриди омӯзиш қарор надода буд. Менҷментро Ӯ ҳамчун маҷмӮи амалиётҳои (функсияҳои) пайдарҳам мешуморид ва назар ба Тейлор исбот кард, ки онҳоро то қадри имкон хатто коргарон иҷро карда метавонанд.



- Намояндагони мактаби классикӣ ва мактаби илмии идоракунӣ оиди ҷанбаҳои иҷтимоии идоракунӣ ғамхорие надоштанд. Мақсади мактаби классикӣ, офаридани принсипҳои универсалии идоракунӣ ба ҳисоб мерафт.
- Саҳми асосии Файол ба назарияи идоракунӣ дар он буд, ки Ӯ идоракуниро ҳамчун ҷараёни универсиалӣ мепиндошт, ки аз якчанд функсияҳои ба ҳам алоқаманд иборат мебошанд. Мисоли ин пешниҳоди  14 принсипҳои идоракунии А. Файол мебошад, ки то замони мо моҳияти худро гум накардаст.



# Принсипҳои идоракунии маъмурии А. Файол

- Тақсимоти меҳнат
- Ҳокимият – масъулият
- Интизом
- Яккафармондеҳӣ
- Яккароҳбарӣ
- Тобеъномоии манфиатҳои шахсӣ ба умумӣ
- Мукофотдиҳии ҳайат
- Марказонидан.
- Иерархия
- Тартиб
- Адолат.
- Пойдории таркибии ҳайат